# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «15» 06 соли 2023 №53

Дар бораи мухлати пешниҳоди ҳисоботи молиявии фосилавӣ ва солонаи ташкилотҳои буҷетӣ

Мутобиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, моддаҳои 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ” ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳисоботи молиявии муттаҳидшудаи фосилавӣ ва солонаро тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар мухлатҳои муқаррарнамудаи фармоиши мазкур дар ҳомили электронӣ ва қоғазӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

2. Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳисоботи молиявии фосилави (семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа) – ро аз рӯи чунин шаклҳо ба Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молия пешниҳод намоянд:

- Шакли №1 “Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ”, аз ҷумла бо зершаклҳои:
- №1.1 “Маълумот оид ба ухдадориҳои дебиторӣ ва кредиторӣ”;
- №1.6 “Маълумот оид ба фоидаи тақсимнашуда/зарари рӯйпушнашуда”;
- №1.7 “Варақаи бақиявӣ”;
- №1.8 “Навиштаҷоти тавзеҳотӣ”;
- Шакли №2 “Ҳисобот оид ба натиҷаи молиявӣ” бо навиштаҷоти тавзеҳотӣ;
- Шакли №5 “Ҳисобот оид ба иҷроиши сметавии даромад ва хароҷот”

бо назардошти накшаи идоракунӣ ва ташкилотҳои тобеъ мувофиқи мухлатҳои зерин пешниҳод намоянд:

- то 10 зертобеъ, то санаи 15 -уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ;
- то 20 зертобеъ, то санаи 20 -уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ;

- то 40 зертобеъ, то санаи 25 -уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ;
- зиёда аз 40 зертобеъ, то санаи 5-уми моҳи дуюми баъди давраи ҳисоботӣ.

3. Ҳисоботи молиявии фосилавии мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мутобиқи муҳлати муқарраршудаи зиёда аз 40 зертобеъ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар муҳлати пешбининамудаи то 40 зертобеи фармоиши мазкур пешниҳод намоянд.

4. Ҳисоботи молиявии солонаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи ҳамаи шакл ва зершаклҳо (шаклҳои 1, 2, 3, 4, 5) вобаста ба мансубияти онҳо ба сархатҳои дар банди 2 фармоиши мазкур муқарраршуда тибқи муҳлатҳои зерин пешниҳод намоянд:

- то санаи 1 -уми феврали соли баъди соли ҳисоботӣ;
- то санаи 10 -уми феврали соли баъди соли ҳисоботӣ;
- то санаи 20 -уми феврали соли баъди соли ҳисоботӣ;
- то санаи 1 -уми марти соли баъди соли ҳисоботӣ.

5. Ҳисоботи молиявии солонаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мутобиқи муҳлати муқарраршудаи сархати чорум, банди 4 ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар муҳлати пешбининамудаи сархати сеюми банди 4 фармоиши мазкур пешниҳод карда шавад.

6. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, мақоми идоракунии қарзи давлатӣ ҳисоботи молиявии фосилавӣ ва солонаро дар муҳлатҳои муқарраршудаи сархатҳои дуюм ва чоруми бандҳои 2 ва 4 фармоиши мазкур мутақобилан пешниҳод намоянд.

7. Ташкилотҳои бахши давлатӣ дар доираи муҳлати муқарраршудаи фармоиши мазкур муҳлати пешниҳоди ҳисоботи молиявии фосилавӣ ва солонаро барои ташкилотҳои зертобеи худ муайян намоянд.

8. Сардорони сарраёсат ва раёсатҳои молия дар маҳал ҳангоми дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани ҳисоботи молиявӣ, роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатиро расман хабардор намуда, метавонад то пешниҳод гардидани ҳисобот, маблағгузории фаъолияти ташкилотро (ба истиснои моддаҳои ҳимояшаванда) боз дорад.

9. Сарраёсати хазинадории марказӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдор вобаста ба маҷмӯикунонии ҳисоботи молиявӣ масъул буда, мутасаддии дурустии маълумотҳои пешниҳодгардида ҳисоботдиҳанда мебошанд.

10. Фармоиши вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли

2019, №151 «Дар бораи мухлати пешниҳоди ҳисоботи молиявии солона ва фосилавии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ», аз эътибор соқит дониста шавад.

11. Назорати таъмини иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода